# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ ва афзоиши нақши рақамикунонӣ дар тамоми бахшҳои хоҷагидорӣ ва масъалаи такмили хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи “Консепсияи иқтисоди рақамӣ” аз соли 2019, №642 ва “Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025” аз соли 2021, №460 заминаи зарурӣро барои воридсозии технологияҳои рақамӣ ба низоми хизматрасонӣ фароҳам овардааст.

Муаллиф дар автореферати худ дуруст таъкид намудааст, ки рушди бозори хизматрасониҳои маишӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо ба беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ, балки ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина, мавқеи бахши хизматрасониҳои маишӣ дар татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нақши муҳим дорад.

Мавқеи муҳими дигар ин аст, ки ҳамаи нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида аз навоварӣ, таҳлили амиқ ва асоснокии илмӣ бархурдоранд. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро амиқ дарк намуда, маҳорати баланди таҳқиқотиро нишон додааст.

Дар таҳқиқот диққати асосӣ ба масъалаҳои назариявию методологӣ, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, таҳлили оморӣ ва коркарди амсилаи иқтисодӣ-математикӣ равона гардидааст. Муаллиф бо истифода аз маълумотҳои оморӣ барои солҳои 2019-2023 нишон додааст, ки ҳиссаи хизматрасониҳои маишӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 5,55% то 4,06% коҳиш ёфтааст, ки далели зарурати такмили механизми хизматрасонии маишӣ мебошад. Дар асоси таҳлили омилҳои дохиливу хориҷӣ, модели такмилёфтаи танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори рақамӣ пешниҳод гардидаанд.

Таҳлили маҷмуии натиҷаҳо шаҳодат медиҳад, ки рисола дорои навовариҳои илмӣ мебошад, аз ҷумла коркарди модели иқтисодӣ-математикӣ барои муайян кардани вобастагии хизматрасониҳои маишӣ ва маҷмуи маҳсулоти дохилӣ; такмили механизми танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ бо назардошти нақши мақомоти маҳаллӣ; ворид намудани платформаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои ҳамгироии

истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон; пешниҳод намудани самтҳои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи хизматрасониҳои маишӣ мутобиқ ба шароити рақамикунонӣ.

Бо вуҷуди арзиши назариявию амалӣ ва аҳаммияти баланди илмии натиҷаҳои бадастомада, зарурати такмил додани баъзе паҳлӯҳои таҳқиқот эҳсос мегардад. Аз ҷумла:

-Арзёбии таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба рушди хизматрасониҳои маишӣ бештар ба таври умумӣ ифода ёфтааст, ҳол он ки ин ҷанба метавонад ба таҳлили комплексии омилҳои дохилию берунӣ саҳми назаррас гузорад;

-Таҳлили муқоисавии таҷрибаи байналмилалӣ бештар ба паҳлӯҳои иқтисодӣ равона гардидааст, дар ҳоле ки ворид кардани паҳлӯҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ натиҷаҳоро боз ҳам мукаммалтар мегардонид.

Ин нуктаҳо моҳияти илмӣ ва арзиши амалии рисолаи диссертатсиониро коста намесозанд, балки ҳамчун самтҳои эҳтимолии ғанисозӣ ва такмили минбаъда арзёбӣ мешаванд.

Дар маҷмуъ, маводҳои илмии нашршуда ва автореферати пешниҳодгардида шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи таҳқиқ хуб асоснок шуда, диссертатсияро кори ба итмомрасида шуморидан мумкин аст. Ҳамаи меъёрҳои лозима риоя гардида, рисола ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф Исматуллои Шерхон сазовори ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Сатторзода А.А.**

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3
Телефон: (+992 37) 2344987, +992918133131
E-mail: s_rasul3131@mail.ru

*Имзои А.А. Сатторзодаро тасдиқ менамоям:*

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Абдуназаров А.Ҷ.**

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3
Сомонаи расмӣ: www.tut.tj
E-mail: rectorat-tut@mail.ru
Телефон/: +992(37) 234-79-87, +992(37) 234-79-88

«____» _______ соли 2025